# Хулосаи

*роҳбари илмӣ ба кори диссертатсионии Шарифзода Намозалӣ Субҳиддин дар мавзуи «Самаранокии иқтисодии рушди парандапарварӣ (дар мисоли корхонаҳои парандапарварии Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 – Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ*

Дар “Барномаи ислоҳоти кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012 – 2022” (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №383 аз 01.08.2012) самтҳои асосии рушди парандапарварӣ дар кишвар ҳамчун яке аз манбаҳои асосии амнияти озуқаворӣ қайд карда шудааст. Самтҳои мазкур дар асоси таҳлил ва муайян намудани тамоюли рушди парандапарварӣ, ки дар натиҷаи татбиқи “Барномаи рушди соҳаи мурғпарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2007-2015” (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №451аз 03.10.2006) тасдиқ гардида буд, гузаронида шуда, муайян гардидаст.

Бояд қайд кард, ҳиссаи гӯшти мурғ дар ҳаҷми умумии истеҳсоли гӯшт дар ҷумҳурӣ тамоюли афзоиш дошта, таҳлил ва муайян намудани дурнамои рушди парандапарварӣ дар ҷумҳурӣ мувофиқи мақсад мебошад. Парандапарварӣ яке аз соҳаҳои муҳими кишоварзӣ ба ҳисоб рафта, таъмини аҳолиро бо маҳсулоти хӯрокворӣи парҳезӣ ва серғизо - тухм ва гӯшт кафолат медиҳад. Ин соҳаи комплексиест, ки парвариши намудҳои гуногуни паранда ва тамоюлҳои гуногуни истеҳсолотро дорад (истеҳсоли тухм, гӯшт, зотпарварӣ), ки аз ҳама камтар ба мавсим алоқамандӣ доранд.

Инчунин, хусусияти назаррасӣ парандапарварӣ дар он аст, ки истеҳсоли маҳсулот ба парвариши паранда асос ёфта, он дорои биофунксияҳои фарқкунанда, нерӯи пурқудрати афзоиши босуръат ва маҳсулнокии баланд, қобилияти тухмдиҳӣ, серначлӣ, тез ба воя расидан ва вазни зинда гирифтан, нигоҳдорӣ ва амсоли он мебошад.

Яке аз самтҳои асосии амалисозии масъалаҳои пешбинишуда истифодаи мутлақи имкониятҳои ҷамъшудаи парандапарварӣ, дасто-

вардҳои нави илмӣ, равандҳои техникӣ ва технологӣ, таҷрибаи ҷаҳонии муосир мебошад.

Бояд қайд кард, ки таъмини дастрасӣ ва кифоятии хӯрокворӣ, дар маҷмӯъ, ҳалли мушкилоти озуқаворӣ дар шароити рушди муносибатҳои бозорӣ асосан аз сатҳи рушди чорводорӣ муайян карда мешавад. Аз он ҷумла, соҳаи парандапарварӣ дар татбиқи он нақши муҳим мебозад.

Ҷиҳати зери таҳлили илмӣ қарор додани ин муаммо, унвонҷу дар назди худ мақсад гузошт то ки асосҳои назариявию методологии самаранокии иқтисодии рушди парандапарвариро зери омузиш ва таҳлил қарор дода, дар ин асос таҳияи пешниҳодҳои илман асоснок доир ба фароҳам овардани шароити мусоид ба рушди он дар бахши кишоварзии Тоҷикистон таҳия намояд. Вобаста ба ин барои ноил гардидан ба мақсади мазкур дар раванли тадқиқот чунин вазифаҳо гузошта шуданд:

- омӯхтани равишҳои методии интихоби воситаҳои арзёбии самаранокии парандапарварӣ;

- иҷро намудани таснифи омилҳои баланд бардоштани самаранокии истеҳсоли маҳсулоти парандапарварӣ;

- таҳлили тамоюлҳои рушди парандапарварӣ ва арзёбии ҳолати рақобатпазирии корхонаҳои парандапарварӣ ҳамчун нишондиҳандаи ҷамъбастии самаранокӣ;

- таҳлили омилҳое, ки ба самаранокии иқтисодии истеҳсоли тухм ва гӯшт таъсир мерасонанд;

- нишон додани самтҳои асосии баланд бардоштани сифати маҳсулот - ҳамчун омили баланд бардоштани самаранокӣ ва ғайра.

Дар доираи ҳалии вазифаҳои гузоштташуда муаллиф ба навовариҳои муайяни илмӣ ноил гашт, ки асоси илмӣ ва амалӣ дошта, дар истеҳсолот истифодабарии онҳо ба ҳалли баъзе аз муаммоҳои мавзуи интихобшуда асос мегузоранд.

Бояд қайд намуд, ки Шарифзода Намозалӣ Субҳиддин худро ҳамчун таҳқиқотчии хуб нишон дода, дар доираи вазифаҳои гузоштташуда кори назарраси илмӣ ба тавсиб расонид. Ӯ кӯшишу ғайрат ва малакаи таҳқиқӣ

дошта, дар рафти иҷрои кори илмӣ аз усулҳои замонавии тадқиқот истифода менамуд. Шарифзода Намозалӣ Субҳиддин иқтидори боз ҳам зиёдтари илмӣ-таҳқиқотӣ дошта, ба фикри мо, аз ӯҳдаи зери назари илмӣ қарор додани масъалаҳои соҳаҳои комплекси агросаноатиро дар минтақаҳои тадқиқшаванда доро сат.

Дар баробари ин у кори илмиро бо таълим ҳамоҳанг менамояд. Дастовардҳои илмии худро дар раванди таълим васеъ истифода бурда, натиҷаи онро дар мисолҳои айёнӣ нишон медиҳад, ки аз ҷониби шунавандагон мусбӣ арзёбӣ мегардад. Ӯ дар оянда метавонад ҷанбаҳои боз ҳам васеътари мавзуи тадқиқша-вандаро зери таҳлил қарор дода, корҳои илмии назаррасро ба анҷом расонад.

Диссертатсияи пешниҳодгардида ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба диссертатсияҳои номзадӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 – Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ ҷавобгӯ буда муаллифи он барои ноил шудан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ сазовор аст.

Роҳбари илмӣ,
дотсенти кафедраи менеҷмент ва соҳибкории
Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур,
номзади илмҳои иқтисодӣ Исломов Ғ. Ҳ.
**E-mail: mtti2009@mail.ru**

Имзои роҳбари илмӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ,
дотсенти кафедраи менеҷмен ва соҳибкории
Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур
Исломов Ғ. Ҳ.-ро тасдиқ мекунам.
Сардори шуъбаи таъмини ҳуқуқӣ ва кадрҳо Раҷабова Н.